**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор **Давлатзода Қ.Қ.**
«04» сентябр 2024 с.

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба рисолаи илмии Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил «Ислом ва арзишҳои дунявӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.14. – Фалсафаи дин ва диншиносӣ

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил дар мавзуи "Ислом ва арзишҳои дунявӣ" аз лиҳози мазмун ва мантиқ ба талаботи шиносномаи ихтисоси 09.00.14. – Фалсафаи дин ва диншиносӣ пурра мувофиқат менамояд.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала.** Муносибати ислом ба арзишҳои дунявӣ воқеан ҳам мавзуи мураккаб, баҳснок ва печида аст. Муҳаққиқон дар муайян намудани муносибати мазкур аксаран мавқеи ихтилофнокро ишғол менамоянд. Мафҳуми дунявият ва арзишҳои дунявӣ аз ҷумлаи нукоти баҳсталаби мавзуи интихобшуда маҳсуб ёфта, қутбнамои таҳқиқи мавзуи мазкур арзёбӣ мегардад. Таҳқиқи воқеъбинонаи мавзуъ метавонад ба бисёр ҷанбаҳои нокушуда ҳам дар таърихи ислом ва ҳам таълимоти ислом равшанӣ андозад.

Таҳқиқот дар самти мазкур имкон медиҳад, ки муносибати дини ислом ба арзишҳои дунявӣ ҳам дар раванди ташаккули дини мазкур, ҳам дар фаъолияти пешвоёни аввали он ва ҳам дар таълимоти сарчашмаҳои муқаддаси исломӣ муайян карда шавад. Огоҳӣ аз вижагиҳои муносибати ислом ба арзишҳои дунявӣ метавонад ба мо дар муайян намудани муносибати худ ба дунявият

ҳамчун асли давлатдорию низоми иҷтимоӣ ва ба арзишҳои дунявӣ ҳамчун шакли зуҳури дунявият кумак намояд.

Ислом ҳамчун охирин дини ҷаҳонӣ ба равандҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии садаи VII дар нимҷазираи Арабистон як вокуниш ва ҷубронкунии халои маънавии пайдошуда ба ҳисоб меравад. Фишори динҳои босуръат густаришёбанда ва таҳдидҳои сиёсии кишварҳои ҳамсоя пайдоиши дини исломро ҳамчун василаи муттаҳидсозандаи қавму қабилаҳои мухталифи араб ногузир гардонда буд. Яке аз саҳмҳои назарраси диссертант маҳз дар таҳқиқи ҷанбаҳои баёншуда ҳамчун заминаҳои дунявии пайдоиши дини ислом ифода меёбад.

Саҳми дигари муҳими диссертант дар омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи арзишҳои дунявӣ ҳам дар исломи назариявӣ ва ҳам исломи амалӣ мебошад. Қобили зикр аст, ки вобаста ба талаботи воқеъбинонаи таҳқиқи мавзуъ тақсим намудани ислом ба ду самт – исломи назариявӣ ва исломи амалӣ бори аввал дучор мегардад ва метавон қайд намуд, ки чунин тақсим аз лиҳози мантиқ комилан дуруст ва асоснок буда, аз сатҳи огоҳии диссертант аз мавзуъ гувоҳӣ медиҳад ва бешак дар исломшиносӣ як иқдоми ҷадид, назаррас ва натиҷабахш маҳсуб меёбад.

Дарёфт ва таҳлили ғояҳои дунявӣ дар исломи назариявӣ – Қуръону аҳодис, омӯзишу муқоисаи онҳо дар тафсирҳои мухталиф, ҳамчунин баррасии онҳо дар таълимоти баъзе аз донишмандони маъруфи исломӣ далели он мебошанд, ки диссертант дар исломшиносии муосир масъалаҳои аз таҳқиқ дарканормондаро мавриди омӯзиш қарор додааст ва барои рушди чунин тамоюл иқдоми аввалинро гузоштааст.

Таҳқиқи ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон дар шароити ҷалб гардидани иддае аз ҷавонони ноогоҳ ба равияю ҳаракатҳои ифротию тундгаро саҳми назарраси диссертант дар эҷоди фазои таҳаммулпазиру мусолиматомези динӣ дар ҷомеа маҳсуб меёбад.

Дар умум, таҳқиқ ва баррасии мавзуи **“Ислом ва арзишҳои дунявӣ”** барои ҷомеаи муосири Тоҷикистон дорои аҳамияти зиёди ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад. Зеро мардуми Тоҷикистон, ки аксаран мусулмон мебошанд,

тибқи низоми дунявии тавассути Конститутсия муқарраргардида зиндагии хешро пеш мебаранд. Огоҳӣ аз ҷойгоҳи арзишҳои дунявӣ дар таърихи ислом ва муносибати донишмандони шинохтаи ислом ба ин арзишҳо барои мардуме, ки аз дини ислом пайравӣ менамоянд, муҳим мебошад. Дар шароити шиддатёбии равандҳои ифротгароию тундгароӣ ва ҷалби ҷавонон ба равандҳои мазкур таҳқиқи мавзуи баёншуда аксуламале маҳсуб меёбад, ки метавонад ба равандҳои мазкур таъсиргузор бошад. Ҳамзамон таҳқиқи равандҳои дунявигароӣ дар баъзе аз кишварҳои мусулмоннишини қафомонда имкон медиҳад, ки дурустии низомии дунявии кишвар ва ҷалби насли наврас барои дастгирӣ аз низоми мазкур ба маъраз гузошта шавад. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқи ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ҷанбаи хеле муҳими диссертатсия маҳсуб меёбад ва назарияҳои пешниҳоднамудаи диссертантро амалан собит менамояд. Диссертант мавзуъро ба таври густурда ва амиқ мавриди таҳлил қарор дода, ҷанбаҳои таҳқиқталабро дуруст мушаххас намудааст. Дониши хуби назариявӣ оид ба мавзуъ имкон додааст, ки диссертант масъалаҳои мавҷударо амиқ омӯхта, роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод намояд. Диссертант сарчашмаҳои гуногунро таҳлил намуда, барои таҳқиқи мавзуъ маълумоти муфидро истифода намудааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ.** Навгонии илмии таҳқиқот мутобиқи навиштаи диссертант мушаххасан ба таври зерин хулоса мешаванд:

- бори нахуст дар илми фалсафӣ-диншиносӣ масъалаи муносибати ислом ба арзишҳои дунявӣ мавриди таҳлили мавзуӣ қарор гирифтааст.

- равишҳои методологӣ оид ба омӯзиш ва ошкорсозии моҳияти мафҳуми дунявият асоснок карда шудаанд; робитаҳои мантиқии дунявият ва арзишҳои дунявӣ равшан карда шудаанд;

- таҳлили муқоисавии таносуби мафҳумҳои «дунявӣ» ва «динӣ» бо нишон додани ҷойгоҳи афзалиятноки «дунявӣ» амалӣ гардидааст;

- шакли зуҳури принсипҳои дунявӣ дар дигар динҳо, аз ҷумла дар сиёсати Куруши Кабир дар нисбати дини яҳудӣ тавсиф ёфтааст; ҷойгоҳи арзишҳои

дунявӣ дар мавъизаҳои паёмбарони яҳудӣ, инчунин дар асарҳои илмии мутафаккири масеҳӣ Марсили Падуянӣ муайян карда шудааст;

- муносибати Паёмбари ислом ба арзишҳои дунявӣ дар асоси маводи мушаххас ва муътамади таърихӣ нишон дода шудааст;

- кӯшишҳои ғарбисозии давлатҳои исломии араб аз ҷониби ислоҳталабон ва модернистҳо ҳамчун талошҳои накшавии онҳо барои ҷорӣ кардани арзишҳои дунявӣ ба ҷои арзишҳои динӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст;

- нақши ислоҳотгарони мусулмони Ҳиндустон дар мутобиқ кардани таълимоти исломӣ ба воқеиятҳои нави иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсии ҷомеа нишон дода шудааст;

- асосҳои ҳуқуқии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик тавсиф ёфтаанд ва шарҳ дода шудаанд;

- нақши Пешвои миллат дар таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии навгониҳо** дар он ифода меёбад, ки барои ҷомеа дар бораи моҳият ва мундариҷаи мафҳуми «дунявият» маънои воқеан илмӣ пешниҳод мегардад ва пешниҳоди мазкур дар навбати худ барои тағйири муносибати аҳли ҷомеа ба дунявият ҳамчун тарзи пешбурди ҳаёт ва низоми идоракунӣ замина мегузорад. Аҳамияти дигари навгониҳо, инчунин дар дарёфти дониши муътамади илмӣ доир ба таърихи ислом ва муносибати он ба арзишҳои дунявӣ ифода меёбад. Таҳлилу хулосаҳои ба дастомада имкон медиҳанд, ки ҳар фарди огоҳ дунявият ва ногузирии арзишҳои дунявиро ҳамчун раванди пешқадам ва асли созанда пазируфта, муносибати худро ба ҳаёт ва арзишҳои он тағйир диҳад.

Натиҷаю хулосаҳои ба дастомада на танҳо барои омӯзгорону донишҷӯёни фанни диншиносӣ, балки барои доираи васеи хонандагон аз аҳамияти зиёди илмию амалӣ бархӯрдор мебошанд.

Дар диссертатсияи Абдухализода Кароматулло Абдухалил **“Ислом ва арзишҳои дунявӣ”** объект ва предмети таҳқиқот бо ҳам мувофиқат мекунанд. Ба сифати объект муносибати ислом ба арзишҳои дунявӣ интихоб шудаасту предмети онро омӯзиш ва пайдо намудани арзишҳои дунявӣ дар ислом,

ҳамчунин муайян намудани арзишҳои мухталиф дар назария ва амалияи дини ислом ташкил менамоянд.

Диссертант дар қисмати “Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот” ба равиши диалектикӣ ба ҳодисаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, инчунин ба истифодаи равиши муқоисавӣ-таърихӣ дар таҳқиқи равандҳои маънавию иҷтимоӣ ишора намудааст. Равиши диалектикӣ ва муқоисавӣ – таърихӣ ба диссертант имкон додааст, ки марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, ҳамчунин сарчашмаҳои динию илмии мухталифро бо ҳам муқоиса намуда, ба дастовардҳои хуби илмӣ ноил гардад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи **Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил** муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Мавзуи таҳқиқот ва методҳои истифодашуда дар диссертатсия ба талабот ва стандартҳои илмии ихтисоси интихобшуда мутобиқ мебошанд.

**Диссертатсияи Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил “Ислом ва арзишҳои дунявӣ”** аз муқаддима, чор боб, понздаҳ зербоб, хулоса ва руйхати адабиёт иборат мебошад.

Диссертант боби якуми кори таҳқиқотии худро **“Ҷанбаҳои методологии таҳқиқи дунявият”** номгузорӣ намуда, мавзуи мавриди назарро хеле муфассал ва асоснок баррасӣ намудааст, ки бесабаб нест. Зеро, яке аз сабабҳои асосии муқовимати нерӯҳои дингарои ҷомеа бар муқобили дунявият ва арзишҳои дунявӣ ноогоҳӣ аз моҳият ва мундариҷаи мафҳуми “дунявият” аст. Диссертант ба хотири огоҳии бештар ва дақиқтар зербоби якум **“Моҳият ва мундариҷаи мафҳум”** – ро ба се бахши иловагӣ тақсим намуда, дар онҳо шарҳи мафҳуми мазкурро дар доираҳои илмӣ, таҳаввул ёфтани мундариҷаи мафҳум ва дунявиятро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ шарҳу эзоҳ додааст, ки албатта, хидмати арзандаи диссертант дар таҳқиқи мавзуи интихобнамуда ба ҳисоб меравад.

Дар зербобҳои дуюм ва сеюм диссертант ҷанбаҳо ва ғояҳои дунявиро дар эҷодиёти Эпикур, Марсили Падуянӣ, мутафаккирони давраи Эҳё ва Замони Нав таҳқиқ намуда, бо ин баррасии худ собит сохтааст, ки таҳқиқи арзишҳои

дунявӣ аз самти хеле арзишманди фаъолияти илмии мутафаккирони барҷастаи инсоният будааст.

Мутафаккирони номбурда баланд бардоштани ҷойгоҳи инсонро дар ҷомеа ҳадафи хеш қарор дода, саъй намудаанд, ки дар ин замина фазои фаъолияти динро низ маҳдуд намоянд ва барои озодии бештари инсон имконияти бештар фароҳам оваранд.

Бояд таъкид намуд, ки дар боби якум зербоби **"Ҳадафҳои дунявӣ дар динҳои сомии тоисломӣ"** аз лиҳози методологӣ қисмати хеле муҳим ба шумор меравад. Зеро зербоби мазкур барои боби баъдина, ки таҳқиқи масоили бевосита мутааллиқи исломро пайгирӣ менамояд, муқаддима ё зинаи воридшавӣ маҳсуб меёбад.

Аз боби дуюми диссертатсия таҳқиқотҳои муаллиф доир ба масоили мухталифи марбут ба ислом оғоз мегардад. Аллакай дар оғоз диссертант таъкид менамояд, ки ҳар гуна дин танҳо ба сабаби ниёзҳои инсон ба он арзи ҳастӣ намудааст. Аз ин нуқтаи назар диссертант дуруст таъкид менамояд, ки дар арафаи пайдоиши ислом зарурат барои ташкили умумияти сиёсии нисбатан муташаккил, муттаҳид намудани қавму қабилаҳои мухталиф ҳамчун як умумияти этникӣ, ниёзмандӣ ба сарвари ягона ва ғайра пухта расида буд. Хулоса, ниёзмандӣ ба арзишҳои дунявии зикршуда барои пайдоиши дини ислом ҳамчун замина хидмат намудаанд.

Диссертант зербоби дуюмро ба мавзуи **" Мақоми арзишҳои дунявӣ дар Қуръон"** бахшидааст. Диссертант аллакай дар оғоз таъкид менамояд, ки "аслан дар динҳо дунё ва арзишҳои дунявӣ аз мақоми сазоворе бархӯрдор нестанд, агарчанде дин, худ бидуни дунё арзи вуҷуд карда наметавонад" (саҳ. 110). Чун дин дунёи мобаъдуттабиаро чун шарти ҳастии худ офарид, вайро афзал ва ҳадаф қарор дода, дунёи заминиро бо тамоми арзишҳояш беарзиш ва ночиз ҳисобида, онро василаи дастрасӣ ба дунёи офаридаи худ арзёбӣ менамояд.

Зербоби сеюми боби дуюм мавзуи **"Масъалаи ҳокимият дар ислом"** – ро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Қобили зикр аст, ки диссертант таҳқиқ намудани маъалаи мазкурро дар ду сатҳ – ҳам исломи назариявӣ ва ҳам исломи

амалӣ ногузир мешуморад. Диссертант барҳақ таъкид менамояд, ки масъалаи ҳокимият дар сарчашмаи асосии таълимоти дини ислом – Қуръон мавриди таваҷҷуҳи бевосита қарор нагирифтааст. Баръакс дар ҳадисҳо масъалаи ҳокимият бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Ин ҷо низ диссертант дар заминаи таҳлили ҳадисҳои сершумор мавқеи пурихтилофи исломро доир ба баъзе масоил нишон додааст, ки воқеан ҳам шоёни дастгирист.

Зербоби чоруми боби дуюм **“Нақши омилҳои дунявӣ дар пирӯзӣ ва густариши ислом “** унвон гирифтааст. Шоёни таҳсин аст, ки диссертант дар қисмати мазкур яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрам- сабаби суръати баланд интишор ёфтани дини исломро мавриди таҳқиқ қарор дода, бо далоили мантиқӣ назарияи диниро рад намудааст ва бо такя бо далоили мушаххаси таърихӣ назарияи илмиро таъйид намудааст. Ба андешаи муаллиф сарват ё боигарӣ дар интишори дини ислом нақши назаррас дошта, омили қавии таҳрики мусулмонон барои ғасби заминҳои нав будааст.

Таҳқиқи мавзуи **“Ҳаракатҳои дунявигароӣ дар ҷаҳони ислом”** дар боби сеюм таҳаққуқ пазируфтааст ва дастоварди дигари муҳими диссертант маҳсуб меёбад. Аз огоҳӣ бо мундариҷаи боби мазкур маълум мегардад, ки олами ислом ба сабаби омилҳои дунявӣ тавсеа ёфт ва чун омилҳои мазкур ба сабаби аҳкоми исломи назариявӣ дар ҳошия қарор гирифт, олами ислом ба мушкилоти мухталифи сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангӣ дучор гардид.

Таҳқиқи мавзуи “**Таҳаммулпазирӣ ҳамчун шакли зуҳури дунявият дар ислом”** оғозбахши боби сеюм мебошад. Муаллиф аллакай дар оғоз барҳақ қайд намудааст, ки “дар шароити авҷ гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ ва тезутунд гардидани бархӯрди арзишҳо, махсусан арзишҳои дунявию динии бунёдгаро мақом ва нақши фарҳанги таҳаммулпазирӣ дар таъмини сулҳу субот ва оромии ҷомеа ниҳоят бузург мебошад (саҳ. 181).

Дар зербоби дуюм “**Ҳаракатҳои дунявигароӣ дар олами араб”** диссертант қайд намудааст, ки ҳаракатҳои мазкур дар натиҷаи шиносоӣ бо тамаддуни Аврупо пайдо шудаанд.

Тарғиби илму маърифат ва бо илму дониш фаро гирифта шудани занҳо, ки аз тарафи ислоҳгари бунёдгарое, чун Ҷамолдуддин Афғонӣ садо медод, ҷолиб

мебошад. Диссертант ҳамчунин ақоиди дигар ислоҳгаронро мавриди таҳлил қарор дода, таълимоти ду шахсияти маъруф: Саломат Мусо ва Тоҳо Ҳусейнро нисбатан муфассалтар баррасӣ намудааст.

Ҳамин тариқ, хулоса менамояд диссертант, - андешаи дунявигароӣ дар зеҳни донишмандон ва мутафаккирони пешқадами олами араб на дар шакли ҷудоии дин аз давлат ё тарҷеҳ додани арзишҳои дунявӣ аз болои арзишҳои динӣ, балки дар шакли ғарбгароӣ ҷилвагар шудааст (саҳ. 220).

Зербоби сеюм ба таҳлили мавзуи **“Ғояҳои дунявигароии маорифпарварони мусулмони Эрон ва Ҳиндустон”** бахшида шудааст. Донишмандон ва зиёиёни маорифпарвари кишварҳои Эрон ва Ҳиндустон ҳангоме қафомонии ҷомеаҳои худро аз корвони умумии рушди ҷомеаи башарӣ чун дар ҷаҳони араб дарк намуданд, дар пайиислоҳи вазъияти мавҷуда шуданд. Онҳо ҷорӣ намудани низоми машрута, волоияти қонун, таъмини озодии занон, рӯоварӣ ба илму маърифатро роҳи ягонаи раҳоӣ аз мушкилоти мавҷуда ба қалам медоданд.

Чизи дигаре, ки дар диссертатсия қобили таваҷҷуҳи ҷиддӣ мебошад, таҳқиқи мавзуи **“Муосирсозӣ (модернсозӣ)-и дини ислом ҳамчун омили амиқ ва қавӣ гардидани дунявият”** аст. Диссертант мафҳуми “муосирсозӣ”- ро васеъ шарҳ дода, ҳам аз таърихи ислом ва ҳам аз шарҳи баъзе аз оятҳои Қуръон дар тафсири муфассирони гуногун намунаҳои ҷолиберо мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор дода, ҳамчун муосирсозии таълимоти ислом пешниҳод намудааст, ки воқеан ҳам сазовори дастгирист.

Бояд эътироф намуд, ки бо таҳқиқи масоили дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додани кори диссертатсионӣ дастоварди хеле назарраси диссертант маҳсуб меёбад. Ӯ боби чоруми кори диссертатсиониро **“Ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон”** номгузорӣ намуда, беасосии андешаи дингароёни ҷаҳони исломро доир ба ихтилофи динияту дунявият ва таҳаввул ёфтани мундариҷаи дунявиятро вобаста ба пешрафти ҷомеаю хусусиятҳои динӣ-фарҳангии он амалан собит намудааст. Ба қавли дигар, боби мазкурро метавон ҷамъбасти тамоми назарияҳою таълимотҳои мутааллиқ ба робитаи ислом ва арзишҳои дунявӣ муаррифӣ намуд.

Диссертант зербоби аввалро ба таҳлили **нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон** дар таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ бахшида, барҳақ таъкид намудааст, ки “Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зери роҳбарии хирадмандона ва дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низоми дунявии рушди ҷомеаро ба роҳ монда, ҳамзамон аз арзишҳои динии аҳли ҷомеа собитқадамона дифоъ менамояд” (саҳ. 272 ). Диссертант чунин нигоҳи худро бо он асоснок менамояд, ки муҳити ичтимоию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он унсурҳои гуногуни динният ва дунявият “бо дарназардошти талаботҳои маънавии аҳли ҷомеа ҳамзистӣ менамоянд, худ ба худ пайдо нашудааст. Ин муҳит аз тарафи шахси дурандеш, ақлгаро, ватандӯст, ғамхори воқеии миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҷод гардид”. (саҳ. 273-274).

Зербоби дуюм таҳлили мавзуи **“Асосҳои ҳуқуқии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар Тоҷикистон”** – ро ҳадафи хеш қарор додааст. Дар қисмати мазкур диссертант бобҳои алоҳидаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ, Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар” - ро ба риштаи таҳлил кашида, асосҳои ҳуқуқии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва диниро бо далелҳои муътамад собит сохтааст, ки воқеан ҳам сазовори дастгирист.

Боби чорумро зербоби **“Вижагиҳои ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон”** хотима мебахшад. Аллакай дар оғоз диссертант дуруст қайд намудааст, ки имрӯз ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва диниро дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон мушоҳида менамоем. Аммо Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои вижагиҳои хосе мебошад, ки дар байни онҳо “ба роҳ мондани ҳамзистии ду фарҳанги номбаршуда дар зерматни фарҳанги миллӣ, муқовимат нишон додан ва мубориза бурдан бар зидди равандҳои сиёсисозии дину ифротгароии динӣ ва ҳамчунин иҷтиноб намудан аз тақлиди кӯр-кӯронаи фарҳанги ғарбӣ (саҳ. 300) таваҷҷуҳи махсусро сазовор мебошанд.

Дар охири диссертатсия муҳаққиқ хулосаҳои худро аз кори илмӣ таҳқиқотии худ ба таври мухтасар ҷамъбаст намуда, дар ҳаҷми 11 адад тавсияҳое низ пешниҳод намудааст, ки ба инобат гирифтани онҳо барои ҳар кадом ҷомеаи дунявии мусулмоннишин аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Дар баробари муваффақиятҳо диссертатсия аз баъзе камбудиҳо низ холӣ нест. Аз ҷумла:

1.Зимни таҳқиқи мавзуи "Ислом ва арзишҳои дунявӣ" бештар таҳлилу таҳқиқи интиқодӣ мушоҳида мегардад. Магар дини ислом ба арзишҳои дунявӣ нигоҳи некбинона надорад?

2.Мақом ва нақши илм ҳамчун арзиши дунявӣ равшан ба чашм намерасад.

3.Дар диссертатсия мавзуи муосирсозии таълимоти ислом хеле ҷолиб аст.

Бисёр хуб мешуд, ки агар мавзуи мазкур васеътар ва амиқтар таҳқиқ мегардид.

4.Дар диссертатсия баъзе хатоҳои техникӣӣ низ дида мешаванд. Аммо камбудиҳои баёншуда аксаран хусусияти тавсиявӣ дошта, ба мазмуни умумии диссертатсия таъсир расонида наметавонанд.

Хулоса, диссертатсияи Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил **"Ислом ва арзишҳои дунявӣ"** мавзуи "доғи рӯз"- и ҷомеаи имрӯзаро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба ҳадафаш расидааст. Диссертатсия воқеан ҳам кори мустақилонаи илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил **"Ислом ва арзишҳои дунявӣ"** ба талаботи бандҳои 31-35 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ мебошад.

Тақриз дар маҷлиси кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дар санаи 02.09.2024, суратҷаласаи №1 муҳокима ва тасдиқ гардидааст. Дар маҷлис 16 нафар иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

**Омодасози лоиҳаи тақриз:**
д.и.ф. профессори кафедраи
фанҳои ҷомеашиносӣ Раҳимов М. Ҳ.

**Раисикунанда:**
мудири кафедраи фанҳои
ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи академик
М.С. Осимӣ н.и.т., дотсент
Шарофзода Э. У.

**Котиб:** н.и.ф., и.в, дотсенти
кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ Мамурова Г. Қ.

*Имзои Шарофзода Э.У., Раҳимов М.Ҳ. ва Мамурова Г.Қ. – ро тасдиқ менамоям.*

*Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои*
*махсуси ДТТ ба номи М.С. Осимӣ* *Қодирзода Н.Ҳ.*
02.09.2024

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш. Душанбе, к. Акад. Раҷабовҳо, 10
Тел: 992(37)221-35-11. E-mail. info@ttu.tj . www. @ttu.tj